БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори
ҶСДММ «Спитамен Суғурта»
____________ Мурватов Б.
аз «05» марти 2020 сол, №06/1

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ КОРҲОИ СОХТМОНӢ ВА ВАСЛКУНӢ

Душанбе – 2020

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи мазкури суғуртаи ихтиёрии корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ (минбаъд «Қоида» ва ё «Қоидаи суғурта» номида мешаванд) мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда шудаанд.

1.2. Дар асоси Қоидаҳо ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти суғуртавии «Спитамен Суғурта», ки минбаъд Суғуртакунанда номида мешавад, Шартномаҳои суғуртаи корҳои сохтмонӣ ва васлкуниро бо шахсони ҳуқуқӣ ва коршоями воқеӣ аз рӯи ҳимояи суғуртавии манфиатҳои молумулкии онҳо, ки бо иҷрои корҳои сохтмонӣ ва васлкуниро (минбаъд «Шартномаи суғурта» ва ё «Шартнома» номида мешавад) ба имзо мерасонад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Мафҳумҳои асосие, ки дар қоидаҳои мазкур истифода мешаванд:

- объекти суғурта – манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

- ташкилоти суғуртавӣ – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

- суғурташаванда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

- фоидагиранда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

- тарифи суғуртавӣ – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

- пардохти суғуртавӣ – маблағи пулӣ, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба суғурташаванда (фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;

- мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ӯҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- маблағи суғуртавӣ – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

- ҳодисаи суғуртавӣ – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

- шартномаи суғурта – шартномае, ки тибқи он суғурташаванда ӯҳдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ӯҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

- полиси суғуртавӣ – ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани ӯҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

– суғуртанамоии масъулияти граждани-ҳуқуқӣ - намуди суғуртаест, ки амалинамоии ҷубронҳои суғуртавиро (пардохтҳои суғуртавӣ) дар ҳаҷми ҷуброни қисмӣ ва ё пурраи зараре, ки ба манфиатҳои молумулкии шахсе, ки бо ӯҳдадории вай нисбати ҷуброн намудани зарари ба шахсони сеюм дар натиҷаи тамоми таваккалҳои суғурта расонидашударо пешбинӣ менамояд;

- франшиза – маблағи суғуртавии пешбининамудаи Шартномаи суғурта, ки дар ҳаҷми муқараргардидаи он Суғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ озод мегардад.

## 3. ОБЪЕКТҲО ВА СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Ба сифати Суғурташавандагон аз рӯи Қоидаҳои мазкур метавонанд шахсони ҳуқуқии ҳар кадом шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва ҳар кадом шакли моликият, инчунин соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеии коршоям, ки ба ҳайси фармоишгарон ва (ва ё) сармоягузорон ва (ва ё) пудратчиён (субпудратчиён) ва (ва ё) ба сифати дигар баромад менамоянд ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои сохтмонӣ-монтажӣ анҷом медиҳанд ва манфиатҳои молумулкӣ нисбати объекти сохтмон доранд, корҳои таҷҳизонии сохтмониро анҷом медиҳанд, нисбати масолеҳ ва молумулки дигар, ки ҳангоми корҳои сохтмонӣ-монтажӣ ҳам ба таври пурра ва ҳам дар ҳар кадом қисмати он истифода

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

мешаванд, инчунин нисбати хатари ҷавобгари граждании ҳангоми иҷрои онҳо, хатари хароҷотҳое, ки метавонанд дар давраи ӯҳдадориҳои баъдипахши кафолатӣ, хатари талафоти даромади умумӣ доранд.

3.2. Ҳангоми суғуртаи манфиатҳои молумулкӣ, ки бо соҳибият, истифодабарӣ ва ихтиёрдории таҷҳизоти сохтмонӣ, масолеҳ ва молумулки дигар, ки ҳангоми корҳои сохтмонӣ-монтажӣ истифода мешаванад алоқамандбуда, Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ҳангоми бастани Шартномаи суғурта шахсони воқеӣ ва ё шахсони ҳуқуқӣ (Фоидагирандагон) барои гирифтани пардохтҳои суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи суғурта таъин намояд, инчунин онҳоро бо салоҳдиди худ то рух додан ҳодисаи суғуртавӣ иваз намояд.

3.3. Объекти суғурта манфиатҳои молумулкии ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифатнакунандаи Суғурташаванда, ки бо хатарҳои он ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ-монтажӣ ва дигар корҳо оиди сохтани объекти сохтмон алоқаманд мебошад.

Аз рӯи Қоидаҳои суғурта ҷоиз ба суғурта мебошанд:

**Қисмати А.**

Хавфҳои зарари моддӣ:

3.3.1. Корҳои сохтмонӣ, ки масолеҳи сохтмонӣ ва таркибҳо, инчунин унсурҳои сохтмонӣ ва масолеҳе, ки аз ҷониби фармоишгар таҳвил карда мешаванд ворид мешаванд;

3.3.2. Корҳои монтажӣ, аз он ҷумла таҷҳизоти васлшаванда, инчунин масолеҳ, таҷҳизот ва хизматрасонӣ, аз он ҷумла онҳое, ки аз ҷониби фармоишгар пешниҳод карда мешаванд;

3.3.3. Таҷҳизонидани майдончаи сохтмонӣ (биноҳои муваққатӣ ва иншоотҳо, биноҳои анборӣ, ҷангалҳои сохтмонӣ, роҳҳои муҳандисӣ ва ғ.) мутобиқи номгӯй ба Шартномаи суғурта замимашаванда;

3.3.4. Мошинаҳои сохтмонӣ ва таҷҳизот: техникаи заминкобӣ ва таҷҳизот (булдозерҳо, экскаваторҳо ва ғ.), техникаи роҳу-сохтмонӣ (скреперҳо, шиббаҳои ғелон, асфалткунандагон ва ғ.), техникаи сохтмонӣ ва таҷҳизот барои гузаронидани корҳои сохтмонӣ-монтажӣ, ки ба объекти сохтмон вобаста карда шудаанд (кранҳо, борбардорҳо, омехтакунандаҳои бетону-маҳлулҳо ва ғ.).

3.3.5. Объектҳое, ки дар майдончаҳои сохтмонӣ ва ё в дар наздикии бевосита ба он қарор доранд, ки ба фармоишгар ва ё пудратчӣ тааллуқ доранд, ба истисноии объектҳое, ки дар Қоида гуфтугузор шудаанд;

**Қисмати Б.**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Хавфҳои ҷавобгарӣ ҳангоми гузаронидани корҳои сохтмонӣ-монтажӣ:

3.3.6. Ҷавобгарии граждании аз рӯи ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахсони сеюм алоқаманд ҳангоми гузаронидани корҳои сохтмонӣ-монтажӣ вобастаанд. Ҷавобгарии гражданӣ аз рӯи ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба молумулки шахсони сеюм ҳангоми гузаронидани корҳои сохтмонӣ-монтажӣ вобастаанд.

**Қисмати В.**

Хавфи хароҷотҳои дигар ва талафот:

3.3.7. Хароҷотҳое, ки метавонанд дар давраи ӯҳдадориҳои баъдипахшии кафолатӣ дар натиҷаи нуқсондоршавӣ ва ё талафёбии объектҳои сохтмонии ба истифода додашуда (ӯҳдадориҳои баъдипахшии кафолатӣ) амалӣ карда шаванд.

3.3.8. Аз даст додани даромади умумӣ, ки метавонист аз ҷониби суғурташавандаи фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо истифодабарии объекти сохтмон баъди супоридани он вобастааст, оне ки дар натиҷаи боздошт дар мавриди ба истифодадиҳии объекти сохтмон (боздошт) алоқаманд аст.

3.3.9. Хароҷотҳо оиди аз порчаҳо (боқимондаҳои) моликияти дар натиҷаи ҳодисаи суғурта ба вуҷудомада тоза кардани ҳудуди дар шартномаи суғурта овардашуда. Хароҷот оиди тоза кардан гуфта чунин хароҷотҳоеро номанд, ки бояд баъди ҳодисаи суғуртавӣ барои ҳудуди корҳои сохтмониро дар ҳолати барои гузаронидани корҳои барқароркунӣ коршоям фаҳмида мешавад.

3.4. Суғурта метавонад ҳам суғуртаи тамоми гурӯҳи манфиатҳои молумулкӣ ва ҳам ҳар кадом намуд ва ё ҳар кадом намудҳои манфиатҳои молумулкие, ки Қоидаҳои мазкур пешбинӣ намудаанд, амалӣ карда шавад.

## 4. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Ҳодисаи суғуртавӣ ин ҳодисаи ба вуқӯъпайвастаест, ки шартномаи суғурта пешбинӣ намуда, баробари рух додани он вазифаи Суғуртакунанда оиди амалӣ намудан пардохти суғуртавӣ ба миён меояд.

4.2. Мутобиқи Қоида Суғуртакунанда ба Суғурташаванда зарарҳо ва хароҷотҳоро дар асоси принсипи «бо ҷавобгарӣ барои тамоми хавфҳо», яъне зарарҳо ва хароҷотҳои дар натиҷаи талафёбӣ ва ё нуқсондоршавии объект аз ҳар кадом таъсири ғайричашмдошт ва ногаҳонӣ ба вуҷудомада,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ба истиснои ҳолатҳои дар Қоида гуфтугузоршуда, ва (ва ё) ба гуфтугузорҳои Махсус мувофиқаткунанда (умумӣ ва махсус), ки ҳангоми суғуртаи корҳои сохтмонӣ истифода мешаванд ва гуфтугузорҳое, ки ҳангоми гузаронидани корҳои монтажӣ (минбаъд «Маҷмуи гуфтугузорҳо») ҷуброн менамояд. Чунин таъсирҳое ғайричашмдошт ва ногаҳонӣ мебошанд, ки Суғурташаванда ва ё намояндагони вай ва ё саривақтӣ пешбинӣ карда натавонистанд ва ё дар асоси донишҳои касбӣ, ки дар таҷрибаи муқарарии соҳаи сохтмонӣ мебошанд, пешбинӣ карда наметавонистанд.

4.3. Суғурта, махсусан, аммо, бе маҳдудият, аз чунин хавфҳо амалӣ карда мешавад:

4.3.1. сӯхтор, таркиш, афтодани раъду барқ, афтодани таҷҳизоти парвозкунанда;

4.3.2. гирдбод, тӯфон, бӯрон, тундбод ва (ва ё) дигарҳо, зоҳиршави ҳаракати ҷисмҳои ҳавоӣ, ки дар Шартномаи суғурта ишора шудаанд;

4.3.3. афтодани тарма, сел ва (ва ё) дигар зуҳуроти ҳаммонанд, ки дар Шартномаи суғурта ифода шудаанд;

4.3.4. обхезӣ, туғёни об, борони сел ва (ва ё) дигар зуҳуроти ҳаммонанд, ки дар Шартномаи суғурта ифода шудаанд;

4.3.5. фурӯравӣ, ярч, нишастани хок, ғарқшавӣ бо обҳои хокӣ ва (ва ё) дигар, ҳаракати ҳаҷмҳои хокӣ, ки дар Шартномаи суғурта оварда шудаанд;

4.3.6. заминларза;

4.3.7. амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм, аз он ҷумла, дуздӣ бо шикаста ворид шудан, роҳзанӣ ва (ва ё) амалҳои дигар, ки метавонанд ба амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм мансуб дониста мешаванд, ба шарте, ки онҳо бевосита дар Шартномаи суғурта ба сифати хавфҳои суғурташуда номбар шудаанд;

4.3.8. садамаи шабакаҳои муҳандисӣ (қубурҳои обӣ, канализатсия, таъминоти гармӣ, таъмноти барқӣ);

4.3.9. хатогиҳо ҳангоми монтажкунӣ;

4.3.10. фурӯравӣ ва ё нуқсондоршавии объект, аз он ҷумла бо қисматҳои фурӯраванда ва ё афтанда;

4.3.11. ҳар кадом дигар ҳодисаҳои ногаҳонӣ ва ғайрчашмдошт дар майдончаи сохтмонӣ, ки махсусан Қоидаҳо ва ё Шартномаи суғурта истисно накардаанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 5. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Воридкунии ин ва ё он ҳолатҳо (хавфҳо) ба ҳаҷми рӯйпӯшкунии суғуртавӣ, инчунин муайян кардани хавфҳои ишорашуда дар Шартномаи суғуртаи муайян, ки байни Суғуртакунанда ва Суғурташаванда баста мешаванд, инъикос карда мешавад. Воридкунӣ ба ҳаҷми рӯйпӯшкунии суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи суғуртаи муайян он хавфҳое, ки суғуртаи онҳо бо Гуфтугузорҳои ҷудогонаи масхус пешбинӣ шудаанд, эҳтимол танҳо ба шарте, ки Гуфтугузорҳои махсуси мутобиқаткунанда ва (ва ё) рақами он, ки ба таври меъёрӣ дар таҷрибаи Тоҷикистон ва байналхалқии суғуртавӣ истифодашаванда, бевосита дар Шартномаи суғурта номбар шудаанд, илова бар он ҳамаи шартҳои арзишнок ва иловагии истифодаи гуфтугузорҳо ишорашуда, чи тавре дар Маҷмуи гуфтугузорҳо пешбинӣ шудааст.

Ҳудуди суғурта ин ҳудуди амалишавии бевоситаи корҳои сохтмонӣ-монтажиро (майдончаи сохтмонӣ) меноманд.

5.2. Шартномаи суғурта метавонад шарти дар бораи васеъшавии ҳудуди рӯйпӯшкунии суғуртавиро дар бар гирифта бошад, махсусан, аммо, бе маҳдудият, – ба анборҳое, ки дар онҳо масолеҳи сохтмонӣ ва дигар объектҳои молумулкӣ, ки бевосита барои амалинамоии лоиҳаҳои сохтмонӣ-монтажӣ ва ғ. нигоҳ дошта мешаванд.

5.3. Ҳудуди суғурта метавонад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шуда бошад, илова бар он аз ҷониби суғурташаванда (Суғурташавандагон) метавонанд шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеии коршоямӣ тоҷик ва ҳам хориҷӣ баромад намоянд.

5.4. Ҳудуди суғурта метавонад берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта бошад, ба шарте, ки Суғурташаванда ва ё ҳадди аққал яке аз Суғурташавандагон шахси ҳуқуқии тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон – соҳибкори инфиродӣ ва (ва ё) шахси воқеии коршоям, ки манфиати молумулкӣ дар объекти корҳои сохтмонӣ-монтажӣ дошта бошад.

5.5. Ҳудуди суғурта дар Шартномаи суғурта ишора карда мешавад.

## 6. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Маблағи суғуртавӣ маблағи пулии муайяннамудаи шартномаи суғурта мебошад, ки дар асоси он ҳаҷми ҳаққи суғуртавӣ ва пардохти суғуртавӣ муқарар карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

6.2. Маблағи суғуртавӣ бо созиши тарафҳо дар доираи арзиши аслии объекти суғуртавӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи арзиш муқарар карда мешавад.

6.3. Маблағи суғуртавӣ дар асоси чунинҳо муқарар карда мешавад:

6.3.1. Аз рӯи б.3.3.1. Қоидаҳо – арзиши пурраи лоиҳавии (сметавӣ) корҳои сохтмонӣ ҳангоми баитмомрасии онҳо, аз он ҷумла арзиши масолеҳ ва корҳои унсурҳои сохтмонӣ;

6.3.2. Аз рӯи б.3.3.2. Қоидаҳо – арзиши пурраи лоиҳавии (сметавӣ) ҳар як объекти суғурта баъди ба итмомрасии монтажкунӣ;

6.3.3. Аз рӯи б. 3.3.3. ва 3.3.4. Қоидаҳо – арзиши ҳақиқи таҷҳизоти майдончаи сохтмонӣ ва ё мошинаҳои сохтмонӣ ва таҷҳизот.

6.4. Маблағи суғуртавӣ аз рӯи б.3.3.5. Қоидаҳо дар намуди меъёри пардохт (маҳдудкунии ҳаҷми пардохт) муқарар карда шуда, ба таври ҷудогона аз маблағҳои суғуртавӣ, ки аз рӯи б.3.3.1., 3.3.2., 3.3.3. ва 3.3.4. Қоидаҳо инъикос карда мешавад, агар дар Шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад. Маблағи суғуртавӣ аз рӯи б.3.3.5. Қоидаҳо наметавонад аз 10% аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи корҳои сохтмонӣ-монтажӣ зиёд бошад, агар дар Шартномаи суғурта ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

6.5. Маблағи суғуртавӣ аз рӯи б.3.3.6.-3.3.9. Қоидаҳо дар намуди меъёрҳои ҷудогонаи пардохтҳо (маҳдудкунии ҳаҷми пардохтҳо) муқарар карда шуда, ба таври ҷудогона аз маблағҳои суғуртавӣ, ки аз рӯи б. 3.3.1., 3.3.2., 3.3.3. ва 3.3.4. Қоидаҳо муқарар карда мешаванд, инъикос карда мешавад, агар дар Шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

6.6. Агар дар лаҳзаи бавуҷудоии зараре, ки аз рӯи б.3.3.1.-3.3.5. ва 3.3.7-3.3.9. Қоидаҳо ба вуҷуд омадааст, чунин бароияд, ки маблағи суғуртавӣ аз арзиши заруpаи барқароркунӣ паст бошад, онгоҳ Суғуртакунанда зарарҳоро дар молумулки суғурташуда дар ҳаҷми баробарҳаҷм нисбати маблағи суғуртавӣ ва нисбати арзиши заруpаи барқароркунӣ дар арзиш дар санаи бастани Шартномаи суғурта барқарор менамояд.

6.7. Дар Шартномаи суғурта бо созиши тарафҳо инчунин меъёрҳои ҷуброни Суғуртакунанда (ҳаҷми ҳадди аксари пардохтҳои суғуртавӣ) муқарар карда мешавад, илова бар он меъёрҳои ишорашуда метавонанд ба таври ҷудогона аз рӯи чунин ҳолатҳо муқарар карда шаванд:

- аз рӯи як ҳодисаи суғуртавӣ;
- аз рӯи категорияҳои ҷудогонаи зарарҳо;
- аз рӯи категорияҳои ҷудогонаи хароҷотҳо;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– аз рӯи тамоми давраи суғурта (меъёри агрегатӣ) ва ғ.

6.7.1. Маблағи суғуртавӣ ба пули тоҷикии сомонӣ муқарар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ метавонад ба асъори хориҷӣ муқарар карда шавад, ки баробарҳаҷми он маблағи мавҷуда ба пули тоҷикии сомонӣ (минбаъд «суғурта бо баробарҳаҷми асъорӣ» номида мешавад) мебошад. Илова бар он ҳадафи амалинамоии назорат аз болои хавфи асъорӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад маҳдудкуниро нисбати бузургии тағийрёбии қурби асъор, ки Суғуртакунанда ба сифати имкондор барои истифодаи суғурта бо баробарҳаҷми асъорӣ истифода мебарад, мавриди истифода қарор диҳад. Истифодаи чунин маҳдудкунӣ ҳангоми устуворкунии бояду шояд дар Шартномаи суғурта, истифодаи тарифи баландкардашудаи суғуртавӣ, инчунин истифодаи воситаҳои дигаре, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, имкон дорад.

Дар ҳолатҳое, ки вақте қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобу китоби байни тарафҳои Шартномаро бо асъори хориҷӣ иҷозат додааст, маблағи суғуртавӣ метавонад муқарар карда шавад, инчунин мукофоти суғуртавӣ метавонад аз ҷониби суғурташаванда бо асъори хориҷӣ тибқи талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда шавад.

## 7. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Меъёрҳои тарофавӣ дар асоси меъёрҳои базавии тарофавӣ бо назардошти шартҳои муайяни суғурта муқарар карда мешаванд.

7.2. Ҳангоми муайян кардани ҳаҷми мукофотпулии суғуртавӣ, ки ҷоиз ба пардохт ба Суғуртакунанда аз рӯи Шартномаи суғурта мебошад, Суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофақакардаашро истифода мебарад, ки дар асоси он мукофоти суғуртавӣ муайян карда шуда, ҳамзамон аз воҳиди маблағи суғуртавӣ, бо назардошти пешниҳоди маълумотҳо аз ҷониби суғурташаванда оиди хусусиятҳо ва дараҷаи хавфи пешниҳодшуда гирифта мешавад.

7.3. Илова бар он вобаста аз дараҷаи хавф (категорияи Суғурташаванда, намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи даъвоҳои ба вай арзшуда оиди ҷуброни зарар (таърихи зарарҳо), ҳаҷм, намуд ва сохторҳои зарарҳои пештар ба миёномада, базаи муайян кардани маблағи суғуртавӣ (меъёрҳои ҷуброн ва дигар омилҳои бо таваҷҷӯҳи Суғуртакунанда ҳангоми амалигардони сиёсати андеррайтерӣ ва тарифӣ истифодашаванда), Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад нисбати меъёрҳои

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

тарифӣ аз рӯи Шартномаи суғуртаи муайян коэфисентҳои ислоҳотӣ (баландкунанда ва / ва ё пасткунанда) мавриди истифода қарор диҳад. Поёнравӣ ва ё болоравии тарифи суғуртавӣ метавонад ҳам аз рӯи тартиби истифодаи коэффисиентҳои ислоҳотӣ ва ҳам дар намуди ташаккулдиҳӣ дар асоси онҳо нишондиҳандаҳои сабукиятҳо ва иловаҳо нисбати базавӣ, амалӣ карда шавад.

## 8. ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Мукофоти суғуртавӣ дар асоси ҳаҷми маблағи суғуртавӣ, бо истифода аз меъёрҳои тарифӣ ва коэффисиентҳои ислоҳотӣ, ки шартҳои муайяни суғурта ва омилҳои хавфро ба эътибор гиранда, ҳисоб карда мешавад.

Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад нисбати меъёрҳои тарифҳои базавӣ коэффисиентҳои баландкунанда ва ё пасткунандаро дар асоси навъи корҳои сохтмонӣ-монтажӣ, навъи таҷҳизот, минтақае, ки дар он суғурта гузаронида мешавад, дигар ҳолатҳое, ки барои муайян кардани дараҷаи хавфи суғуртавӣ аҳамияти назаррас доранд, истифода барад.

8.2. Мукофоти суғуртавӣ аз ҷониби Суғурташаванда ба таври яквақтина ва ё ба таври мӯҳлатнок дар ҳаҷм, тартиб ва мӯҳлати муқарарнамудаи Шартномаи суғурта пардохт карда мешавад. Рӯзи пардохти мукофотпулии суғуртавӣ рӯзи ворид шудани воситаҳо ба ҳисоби Суғуртакунанда ҳисоб карда мешавад, агар шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

Пардохти мукофотпулии суғуртавӣ метавонад ба таври нақдӣ ва ё бо ҳисоби ғайринақдӣ амалӣ карда шавад.

8.3. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ба мӯҳлати, на камтар аз як сол ба Суғурташаванда метавонад ҳуқуқ ба пардохти мукофотпулии суғуртавӣ ба якчанд марҳилаҳо (мӯҳлатнок), бо қисматҳои баробарҳаҷми калон ва ё нобаробарҳаҷми калон (ҳаққи суғуртавӣ) пешниҳод карда мешавад, илова бар он ӯҳдадор аст мукофотпулии суғуртавиро аз рӯи тартиб ва мӯҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд.

8.4. Оқибатҳои пардохти ғайрисарвақтӣ ва (ва ё) пардохти нопурраи мукофотпулии яквақтина:

8.4.1. Агар дар мӯҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта мукофотпулии суғуртавии якватина пардохт нагардад, Шартномаи суғурта бастаношуда ҳисобида шуда, ягон ӯҳдадорӣ аз рӯи он дар Суғуртакунанда ба миён намеояд,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

8.4.2. Агар дар мӯҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта мукофотпулии суғуртавии яквақтина на бо пуррагӣ супорида шавад, Шартномаи суғурта бастаношуда ҳисобида мешавад, ва мукофотпулии суғуртавӣ, ки ба ҳисоби Суғуртакунанда ворид шудааст, ҷоиз ба бозгардонӣ мебошад, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

8.5. Оқибатҳои ғайрисаривақтӣ ва (ва ё) нопурра пардохт намудани ҳаққи навбатӣ (мӯҳлатнок) (Гуфтугузор дар бораи давраи имтиёзнок):

8.5.1. Дар мӯҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта ҳаққи навбатии (мӯҳлатнок) суғуртавӣ ворид карда нашавад, ба Суғурташаванда метавон давраи имтиёзноке, ки аз 30 (сӣ) рӯз зиёд нест пешниҳод карда мешавад, агар Шартномаи суғурта давраи дигарро барои пӯшонидани қарз оиди пардохти ҳаққи суғуртаи мӯҳлаташ гузашта пешбинӣ накарда бошад. Илова бар он Суғуртакунанда ягон зарарҳое (зиён), ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, дар муддати давраи имтиёзнок ва то лаҳзаи пӯшонидани қарз оиди пардохти ҳаққи суғурта аз ҷониби суғурташаванда ба миён омадаанд, ҷуброн наменамояд;

8.5.2. Агар дар мӯҳлати навбатии (мӯҳлатнок) пешбининамудаи Шартнома ҳаққи суғуртавӣ ба маблағи камтар, назар ба маблағи пешбининамудаи Шартномаи суғурта ворид карда шавад, ба Суғурташаванда метавон давраи имтиёзноки аз 30 (сӣ) рӯз зиёд набуда пешниҳод карда шавад, агар Шартномаи суғурта давраи дигарро барои пӯшонидани қарз оиди пардохти ҳаққи мӯҳлаташ гузаштаи суғуртавӣ пешбинӣ накарда бошад. Илова бар он Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ё ягон зарарҳое (зиён), ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, ки дар муддати давраи имтиёзнок ва то лаҳзаи пӯшонидани қарз оиди пардохти ҳаққи суғурта аз ҷониби суғурташаванда ба миён омадаро ҷуброн нанамояд ва ё зарарҳое (зиён), ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавии дар муддати давраи имтиёзнок ва то то лаҳзаи пӯшонидани қарз оиди пардохти ҳаққи суғурта аз ҷониби суғурташаванда, бо нигоҳдошти қарзи напӯшонидашударо ҷуброн намояд;

8.5.3. Санаи пӯшонидани қарз оиди пардохти ҳаққи суғуртавии минбаъд (ҳаққи мӯҳлатнок) соати 00: 00 дақиқа рӯзе, ки пас аз санаи ворид шудани ҳаққи суғуртавии минбаъда (мӯҳлатнок) ба ҳисоби (ва ё ба хазина) Суғуртакунанда ба ҳисоб меравад, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад;

8.5.4. Агар дар давраи имтиёзнок барои пардохти ҳаққи суғуртавии минбаъда (мӯҳлатнок) қарз оиди пардохти ҳаққи суғурта пардохт карда

NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

нашавад, Шартномаи суғурта аз санае қатъ карда мешавад, ки вақте ҳаққи суғуртавии навбатӣ (мӯҳлатнок) бояд аз ҷониби суғурташаванда пардохт мегардид. Илова бар он Суғуртакунанда ягон зарарҳое (зиён), ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, баъди санае, ки вақте ҳаққи суғуртавии навбатӣ (мӯҳлатнок) бояд аз ҷониби суғурташаванда бе пешниҳоди давраи имтиёзнок барои пардохти ҳаққи суғурта пешниҳод мегардид, ҷуброн наменамояд. Агар ҳаққи суғуртавии навбатӣ (мӯҳлатнок) на ба пуррагӣ ворид карда шуда бошад, қарз оиди пардохти он дар муддати давраи имтиёзнок пардохт нагардида бошад, Суғуртакунанда ба Суғурташаванда ҳаққи суғуртавии ба пуррагӣ пардохтнагардидаро бо соқит намудани хароҷотҳо ва (ва ё) зарарҳо бармегардонад, агар Шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад;

8.5.5. Давраи имтиёзнок метавонад ба Суғурташаванда пешниҳод карда шавад, танҳо агар ин бевосита дар Шартномаи суғурта устувор карда шуда бошад.

8.6. Бо супориши хаттии Суғурташаванда мукофотпулии суғуртавиро метавонад ҳар кадом шахси дигар супорад, илова бар он ягон ҳуқуқро вай аз рӯи Шартномаи суғурта соҳиб намешавад. Суғурташаванда ӯҳдадор аст дар бораи супориши мазкур Суғуртакунандаро бо ирсол намудани тасдиқи ҳуҷҷатии асоснок барои чунин пардохт хабардор намояд. Суғурташаванда барои амалҳои чунин шахс ҷавобгар аст.

8.7. Мукофотпулии суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба пули сомонии тоҷикӣ муқарар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта мукофотпулии суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) метавонад бо асъори хориҷӣ муқарар карда шавад, ки баробарҳаҷми он маблағи мутобиқаткунандаи ба пули тоҷикии сомонӣ мебошад.

Ҳангоми суғурта бо баробарҳаҷми асъорӣ, мукофотпулии суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба пули тоҷикии сомонӣ аз рӯи қурби асъори Бонки милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои асъори хориҷӣ дар санаи пардохт (маблағгузаронӣ) муқарар кардааст, муқарар карда мешавад.

Дар ҳолатҳое, ки вақте қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобукитобро байни тарафҳои Шартнома ба асъори хориҷӣ иҷозат додааст, мукофотпулии суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) метавонад муқарар карда шавад, инчунин метавонад аз ҷониби суғурташаванда ба асъори хориҷӣ пардохт карда шавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

# 9. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

9.1. Шартномаи суғурта созишномаи байни Суғуртакунанда ва Суғурташаванда мебошад, ки бо қувваи он Суғуртакунанда ӯҳдадор мешавад ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавиро ба Суғурташаванда ва ё шахси дигар, ки ба манфиати вай Шартномаи суғурта баста шудааст амалӣ намояд, Суғурташаванда ӯҳдадор мешавад мукофотпулии суғуртавиро (ҳаққи суғуртавӣ) дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд.

Шартномаи суғурта метавонад инчунин шартҳои дигарро дар бар гирифта бошад, ки бо созиши тарафҳо муайян карда мешаванд ва бояд ба шартҳои умумии ҳақиқӣ будани додугирифти пешбининамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад.

9.2. Шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии суолномаи Суғурташаванда, ки дорои маълумоти зарура оид ба объекти суғурта, маълумот дар бораи тамоми ҳолатҳое, ки барои муайян кардани дараҷаи хавф заруранд мебошад, баста мешавад. Қарор дар бораи қабул кардани хавф ба суғурта метавонад бо назардошти натиҷаҳои (маълумотҳо) тамийзи пеш аз суғуртавӣ, ки аз ҷониби тамийзгарони (ҳангоми зарурат) Суғуртакунанда ва ё тамийзгарони ташкилоти беруна, ки Суғуртакунанда ҷалб менамояд, гузаронида мешавад, қабул карда мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби суғурташаванда пешниҳод нагардидани маълумот Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз бастани Шартномаи суғурта бе шарҳи сабабҳои расткашӣ даст кашад.

Ба Шартномаи суғурта ариза-суолнома, ки аз ҷониби Суғурташаванда пур карда мешавад, рӯйхаткунии молумулки суғурташуда, инчунин, агар зарурат бошад, дигар ҳуҷҷатҳое, ки моҳияти хавфи барои суғурта қабулшударо инъикос менамоянд ва ҷузъи ҷудонопазири он мебошанд, замима карда мешаванд.

9.3. Суғуртакунанда аз рӯи Шартнома танҳо дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда риоя кардани ӯҳдадориҳои вай аз рӯи Қоидаҳо, шартҳои Шартномаи суғурта, аз он ҷумла, риоя кардани ӯҳдадориҳои оид ба хабардиҳии маълумотҳои ба ҳақиқат мутобиқаткунанда ва пурра оиди объекти суғурта ҳангоми бастани Шартнома ӯҳдадорӣ дорад.

9.4. Далели бастани Шартномаи суғурта метавонад бо шаҳодатнома, полиси аз ҷониби Суғуртакунанда ба Суғурташаванда пешниҳодшаванда, ки аз ҷониби тарафҳо – аз ҷониби Суғурташаванда ва Суғуртакунанда имзо карда мешавад – Шартнома дар намуди ҳуҷҷати

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ягона, ки мутобиқи қонунгузории граждании амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст, шаҳодат дода шавад.

9.5. Дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда дар давраи амали Шартномаи суғурта гум карда шудани бланкаи Шартнома (полис суғурта, сертификат) ба вай нусхаи дуввум дода мешавад. Баъди додани нусха дуввум ҳуҷҷати гумшуда ғайриҳақиқӣ ҳисобида мешавад ва пардохт аз рӯи он амалӣ карда намешавад.

9.6. Давраи суғурта, ки ба муддати он Шартномаи суғурта баста мешавад, дар Шартнома ишора карда мешавад ва метавонад бо давраи амали шартномҳои пудрат ва ё дигар шартномҳо барои иҷрои корҳои сохтмонӣ-монтажӣ мутобиқат намояд.

9.7. Гуфтугузор оиди оқибатҳои боздоштани корҳои сохтмонӣ-монтажӣ:

Агар бо сабабҳои аз Суғурташаванда ва ё шахсе, ки ба манфиати вай Шартнома баста шудааст вобастанабуда, корҳои сохтмонӣ-монтажӣ муваққатан боздошта шаванд (набудани маблағгузорӣ ва ғ.), амали Шартнома қатъ карда мешавад, мукофотпулии суғуртавӣ барои давраи суғуртаи нагузашта ҷоиз ба бозгардонӣ ба мӯҳлати дар Шартнома ишорашуда мебошад, агар дар Шартномаи суғурта оқибатҳои дигари боздошти корҳои сохтмонӣ-монтажӣ пешбинӣ нашуда бошад. Шартномаи суғуртае, ки пеш аз мӯҳлат бо сабаби боздошти корҳои сохтмонӣ-монтажӣ боздошта шудааст, метавонад бо шартҳои пешин ба давраи амали боқимонда шартнома барои иҷрои корҳои сохтмонӣ-монтажӣ барқарор карда шавад, ба шарте, ки давраи боздошти корҳои сохтмонӣ-монтажӣ аз се моҳ зиёд набошад, Суғурташаванда бошад мукофотпулии суғуртавии аз рӯи Шартномаи суғуртаи барқароршуда, ба мӯҳлат ва аз рӯи тартиби муқарарнамуда Шартномаи суғурта супоридааст.

9.8. Шартномаи суғурта аз санаи пардохти мукофотпулии яквақтинаи суғуртавӣ ва ё ҳаққи суғуртаи аввалин қувваи қонунӣ мегирад, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

Санаи пардохти мукофотпулии яквақтина ва ё ҳаққи суғуртаи аввалин, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад, чунин аст:

9.8.1. Ҳангоми пардохт ба таври нақдӣ– соати 00:00 дақиқаи рӯзи баъди рӯзи гирифтани пул аз ҷониби намояндаи салоҳиятдори Суғуртакунанда ва ё ворид шудани пул ба хазинаи Суғуртакунанда оянда;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

9.8.2. Ҳангоми ҳисоби ғайринақдӣ – соати 00:00 дақиқаи рӯзи баъди рӯзи ворид шудани пул ба ҳисоби Суғуртакунанда оянда.

9.9. Амали Шартномаи суғурта аз лаҳзаи дар Шартнома ишорашуда оғоз мешавад, аммо ҳар кадом ҳолат на пештар аз санаи шурӯъ шудани корҳои сохтмонӣ-монтажӣ ва (ва ё) пасткунии сарбории объектҳои суғурташуда майдончаи сохтмонӣ, ба шарте, ки Суғурташаванда Суғуртакунандаро оиди шурӯъ шудани корҳо ва (ва ё) паст кардан сарборӣ пешакӣ ва ба таври бояду шояд хабардор намуда бошад. Дар ҳолати огоҳ накардан амали Шартномаи суғурта аз лаҳзаи дар Шартнома ишорашуда оғоз мегардад.

9.10. Амали Шартномаи суғурта нисбати ҳамон объектҳои суғурташуда, ки қабул карда шудаанд ва ё ба истифода дода шудаанд қатъ карда мешавад, илова бар он санаи қатъшавии амали Шартнома санаи имзо гардидани санади қабулу супориши объекти ба итмомрасида ва ё қисми мутобиқаткунандаи объект мебошад. Муқарароти мазкур инчунин ба қисматҳои васлкунӣ ва ё машинаҳо (мошин) дар ҳолате паҳн мегардад, ки агар қисми васлкуниҳо ва ё як ва ё якчанд мошинаҳо ба санҷиши озмоишӣ дучор мешаванд (дучор шудаанд) ва ё ба истифода дода мешавад (анд). Ин муқарарот ба ҷуз он ҳолатҳое амал мекунад, ки вақте созишномаи махсуси суғурта оиди ӯҳдадориҳои кафолатӣ баста шуда бошад.

Намояндаи Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар корҳои комиссия дар вақти қабули объектҳои ба итмомрасидаи сохтмон ва (ва ё) монтажкунӣ ва ё қисми онҳо ва ба истифодадиҳии онҳо иштирок намояд.

9.11. Дар Шартномаи суғурта аз ҷониби тарафҳо «Гуфтугузор оиди қабули мобайнии объект», ки шартҳои асосии он ба чунин ҳолатҳо оварда мешавад, метавонад мувофақа карда шавад:

9.11.1. Хавфҳои талафёбии ногаҳонӣ ва ё нуқсондоршавии қисматҳои омодашудаи объект, аз он ҷумла аз рӯи марҳилаи мобайнии корҳо, аз пудратчии генералӣ (субпудратчиҳо) ба фармоишгар аз рӯи ҳадди иҷрои марҳилаи мутобиқаткунандаи корҳои сохтмонӣ-монтажӣ, устуворкунии чунин иҷрокунӣ бо санадҳои қабулу супорши корҳои иҷрошуда аз рӯи марҳилаи мутобиқаткунанда ва мувофақакунии онҳо бо мақомоти назорати давлатии сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интиқол меёбанд.

Ин ба ҳодисаи суғуртавӣ мансуб нест, вақте хавфҳои ишорашуда бо гуноҳи пудратчии генералӣ (субпудратчиҳо) амалӣ гардида бошанд, илова бар он амалҳои гунаҳкоркунанда ҳар кадом амалҳое, ки метавонанд ҳамчун амалҳои гунаҳкоркунанда мутобиқи қонунгузории амалкунандаи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ карда шаванд, аз он ҷумла (аммо бе маҳдудият бо инҳо) ва беэҳтиётӣ.

9.11.2. Дар ҳар кадом ҳолат объект аз ҷониби пудратчии генералӣ супоридашуда ва аз ҷониби фармоишгар ба пуррагӣ қабулшуда танҳо ба мӯҳлат ва аз рӯи тартибе, ки бо шартҳои Шартнома барои иҷрои корҳои сохтмонӣ-монтажӣ пешбинӣ шудааст ва танҳо баъди имзои санади қабулу супориши объект ва қабули мутобиқаткунандаи объект аз ҷониби мақомоти назорати давлатии сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда ҳисобида мешавад,

9.11.3. Муқарароте, ки дар боло оварда шудаанд ба таври баробар ҳангоми истифодаи гуфтугузор оиди давраи кафолатӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, илова бар он давраи кафолатӣ истифода мешавад ва – бо хоҳиши Суғурташаванда – ва ё дар лаҳзаи қабулу супориши марҳилаи мувофиқаткунандаи корҳо (қабулу супориши мобайнӣ), ва ё аз лаҳзаи қабулу супориши объекти омодашуда ва қабули мутобиқаткунандаи объект аз ҷониби мақомоти давлатии назорати корҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷоришавӣ шурӯъ мекунад. Тариқи истифодаи гуфтугузор дар бораи давраи кафолатиро Суғурташаванда ҳуқуқ дорад мустақилона, бо ба таври хаттӣ огоҳ намудани Суғуртакунанда оиди он интихоб намояд. Дар ҳолати набудани огоҳиномаи хаттӣ тариқи пешбининамудаи муқарарот полис ва шартҳои махсус нисбати суғуртаи давраи кафолатӣ амал менамояд,

9.11.4. Дар ҳар кадом ҳолати муайян кардани далели ба итмомрасии корҳои сохтмонӣ-монтажӣ корҳо аз рӯи ин ва ё он марҳила (марҳилаи мобайнӣ) ва ё аз рӯи объект ба таври умум, тарафҳои Шартномаи суғурта муқарарот ва талаботи меъёрҳои Корҳои сохтмонӣ ва қоидаҳо – МСВҚ-ро риоя менамоянд.

9.12. Агар дар натиҷаи пеш аз мӯҳлат ба итмомрасии корҳои сохтмонӣ-монтажӣ давраи суғурта пештар аз санаи дар Шартномаи суғурта ишорашуда ба итмом расад, мукофотпулии суғуртавӣ ба бозгардонӣ ҷоиз нест, агар дар Шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

9.13. Тағийрот ва иловаҳо ба шартҳои Шартномаи суғурта бо созиши Суғуртакунанда ва Суғурташаванда дар асоси аризаи яке аз тарафҳо дар муддати панҷ рӯз аз лаҳзаи гирифтани розигӣ аз тарафи дигар амалӣ карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

9.14. Тағийрот ва иловаҳои шартҳои Шартнома аз лаҳзаи ба расмият даровардани шартҳои ба таври иловагӣ ба таври хаттӣ ба расмият даровардашуда қувваи қонунӣ мегиранд.

9.15. Агар кадоме аз тарафҳо бо ворид намудани тағиёрот ва иловаҳо ба Шартномаи суғурта розӣ набошанд, онгоҳ ба мӯҳлати панҷрӯза тарафҳо ӯҳдадоранд масъала оиди амали Шартномаи суғурта бо шартҳои пешина ва ё оиди қатъ кардани онро ҳал намоянд.

9.16. Амали Шартномаи суғурта қатъ карда мешавад:

9.16.1. Ҳангоми аз ҷониби Суғурташаванда пардохт накардани ҳаққи суғурта ва ё қисми он дар мӯҳлати гуфтугузоршудаи Шартномаи суғурта– аз соати 00 рӯзе, ки пас аз рӯзи охирини мӯҳлати пардохти ҳаққи суғурта ва ё қисми он оянда мебошад;

9.16.2. Бо гузаштани мӯҳлати амали Шартнома – аз соати 00 рӯзи пас аз рӯзи дар полис ҳамчун рӯзи ба итмомрасии Шартнома оянда;

9.16.3. Ҳангоми аз ҷониби Суғуртакунанда иҷро намудани уҳдадориҳои худ ба пуррагӣ (пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми маблағи суғуртавӣ) – аз рӯзи аз ҳисоб баровардани пул аз суратҳисоби Суғуртакунанда;

9.16.4. Дар ҳолати аз ҷониби суд қабул намудани қарор оиди ғайриҳақиқӣ эътироф кардани Шартнома аз рӯи тартиби муқарарнамудаи Қоидаҳо;

9.16.5. Ҳангоми барҳамдиҳии Суғурташаванда ва ё Суғуртакунанда;

9.16.6. Бо талаби Суғурташаванда;

9.16.7. Бо талаби Суғуртакунанда;

9.16.8. Дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи суғурта.

9.17. Дар бораи нияти қатъ кардани Шартнома тарафҳо ӯҳдадоранд ба таври хаттӣ ҳамдигарро 30 рӯз пеш аз лаҳзаи пешбинишавандаи қатъкунӣ огоҳ намоянд, агар Шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

## 10. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

10.1. **Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:**

10.1.1. Ба гирифтани ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми зарари бевосита (ҳақиқӣ) дар ҳудуди маблағи суғуртавӣ бо назардошти шартҳои муайяни дар Шартномаи суғурта гуфтугузоршуда;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.1.2. Ба тағйироти шартҳои Шартномаи суғурта аз рӯи тартиби муқарарнамудаи б.9.13. 9.15. Қоидаҳо;

10.1.3. Ба бекоркунии Шартномаи суғурта мутобиқи б.9.16.7. Қоидаҳо.

10.2. **Суғурташаванда ӯҳдадор аст**:

10.2.1. Ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта маълумот барои қабули қарор оиди бастани Шартнома, ки дараҷаи хавфро тавсиф менамояд, хабардор намояд;

10.2.2. Ба Суғуртакунанда оиди тамоми Шартномаҳои суғурта нисбати объекти мазкури суғурта басташуда ва ё бастащаванда хабар диҳад;

10.2.3. Мукофотпулии суғуртавиро дар ҳаҷм, аз рӯи тартиб ва мӯҳлати муқарарнамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд;

10.2.4. Тамоми чораҳои ақлонаи пешгириро андешад ва тамоми тависияҳои Суғуртакунандаро оиди пешгирии зарар риоя намояд, инчунин талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳое, ки барои намудҳои мутобиқаткунандаи корҳои сохтмонӣ-монтажӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин тавсяҳои омодакунандаи масолеҳҳое, ки ҳангоми гузаронидани корҳои сохтмонӣ-монтажӣ истифода мешаванд, риоя намояд;

10.2.5. Суғуртакунандаро дар муддати се шабонарӯз, агар Шартномаи суғурта давраи дигарро барои огоҳкунӣ пешбинӣ накарда бошад, оиди ҳолатҳои дар давраи амали Шартномаи суғурта ба вуҷудоянда ва ба таври арзишнок баландбардорандаи дараҷаи хавф хабардор намояд.

Агар далели болоравии дараҷаи хавф муқарар карда шуда бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз Суғурташаванда тағйироти шартҳои Шартномаи суғурта ва (ва ё) пардохти мукофотпулии суғуртавии иловагиро талаб намояд. Даст кашидани Суғурташаванда аз пардохти мукофотпулии суғуртавии иловагӣ аз рӯи Шартномаи суғурта асос барои қатъшавии Шартномаи суғурта аз лаҳзаи болоравии дараҷаи хавф мебошад. Илова бар он мукофотпулии суғуртавие, ки пештар аз ҷониби суғурташаванда пардохта шудааст ва ба давраи нагузаштаи Шартнома рост меояд, ҷоиз ба бозгардонӣ нест, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарада бошад.

10.2.6. Ба Суғуртакунанда ба таври хаттӣ дар бораи қисман ва ё пурра қатъшавии корҳои сохтмонӣ-монтажӣ дар муддати 14 шабонарӯз (агар мӯҳлати дигар дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад) аз рӯзи қабули қарор оиди он хабар диҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.3. **Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ Суғурташаванда ӯҳдадор аст:**

10.3.1. Тамоми чораҳои зарура оиди паст кардани ҳаҷми зарарро андешад;

10.3.2. Суғуртакунандаро дар муддати як шабонарӯз (агар Шартномаи суғурта давраи дигарро барои огоҳнамоӣ пешбинӣ накарда бошад), бе назардошти рӯзҳои истироҳат ва ид, оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба воситаи факс, телеграф, телефон ва ё бевосита хабардор намояд. Бо телефон хабардиҳӣ бояд минбаъд (дар муддати 72 соат) ба таври хаттӣ бо яке аз усулҳои дар боло ишорашуда тасдиқ карда шавад.

Уҳдадории мазкур аз ҷониби Суғурташаванда ба тарви бояду шояд иҷрошуда ҳисобида мешавад, агар хабардиҳӣ оиди ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи ҳамон мушаххасооти Суғуртакунанда, ки дар Шартномаи суғурта ишора шудааст, амалӣ шуда бошад, инчунин аз рӯи ҳамон рақами факс ва суроғаи ҳамон қисмати сохтории Суғуртакунанда, ки ба он ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ мутобиқи маълумоти дар Шартномаи суғурта мавҷуда муроҷиат намудан лозим аст.

Далели ба таври бояду шояд иҷро кардани ӯҳдадориҳои мазкур дар ҳолати бавуҷудоии баҳс метавонад бо далелҳои хаттӣ (расид, забонхат ва ғ.) тасдиқ карда шавад;

10.3.3. Ба ҳамон мӯҳлате, ки ба Суғуртакунанда хабар медиҳад, ба мақомоти салоҳиятдор оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ хабар диҳад, ҳангоми бамиёноии зарар дар натиҷаи амалҳои ғайрқонунии шахсони сеюм ба мақомоти корҳои дохилӣ барои гузаронидани тафтишот муроҷиат намояд;

10.3.4. Предмети нуқсондоршудаи суғуртаро барои азназаргузаронӣ ба намоянда ва ё тамийзгари Суғуртакунанда то он вақте, ки корҳои таъмирӣ ва ё барқароркунӣ гузаронида мешаванд, пешниҳод намояд.

Суғурташавандае, ки Суғуртакунандаро оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ хабардор намудааст ва ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намудааст, ҳуқуқ дорад то гузаронидани азназаргузаронии Суғуртакунанда таъмири нуқсонҳои хурди (то 5% аз арзиш), ба объекти суғурташуда расонидашударо амалӣ намояд.

Агар аз ҷониби намояндаи Суғуртакунанда азназаргузаронии предмети нуқсондоршудаи суғурта дар муддати 5 (панҷ) рӯз корӣ аз рӯзи аз Суғурташаванда ба таври хаттӣ огоҳинома оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ карда нашавад, Суғурташаванда ҳуқуқ дорад корҳои таъмирӣ ва ё иваз намудани қисматҳои нуқсондоршударо амалӣ намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.3.5. Тамоми маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки ба Суғуртакунанда барои муқарар кардани далели ҳодисаи суғуртавӣ ва баҳогузории зарари расонидашуда заруранд, аз он ҷумла маълумотҳое, ки сирри тиҷориро ташкил медиҳанд, пешниҳод намояд;

10.3.6. Ба Суғуртакунанда тамоми ҳуҷҷатҳоро интиқол диҳад ва тамоми чораҳои барои амалинамоии ҳуқуқи Суғурташаванда барои ҷуброни зарар нисбати шахсоне, ки барои расонидани зиён масъуланд, андешад;

10.3.7. Дигар амалҳои пешбининамудаи Қоидаҳо ва Шартномаи суғуртаро амалӣ намояд.

10.4. **Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад**:

10.4.1. Ҳолати объекти суғурташуда, мутобиқати маълумотҳои аз ҷониби суғурташаванда дар бораи объекти суғурта нисбати ҳолатҳои ҳақиқӣ пешниҳодшуда, инчунин аз ҷониби суғурташаванда риоя кардани меъёрҳои сохтмонӣ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва шартҳои Шартномаи суғуртаро тафтиш намояд;

10.4.2. Дар наҷотдиҳӣ ва нигоҳдории молумулки суғурташуда иштирок намояд, тавсиядиҳӣ оиди кам кардани зарар, ки барои Суғурташаванда ҳатмӣ мебошад, пешниҳод намояд. Аммо ин амалҳо наметавонанд ҳамчун эътирофи ӯҳдадории Суғуртакунанда оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ ҳисобида шаванд;

10.4.3. Мустақилона сабабҳо ва ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро муайян намояд;

10.4.4. Ба амали азназаргузаронии молумулки зарардида, бе интизоршавии хабардиҳии Суғурташаванда дар бораи он шурӯъ намояд. Суғурташаванда ҳуқуқ надорад дар ин амал ба Суғуртакунанда монеагӣ намояд;

10.4.5. Аз Суғурташаванда маълумоти барои муқарар кардани далели ҳодисаи суғуртавӣ ва муайян кардани ҳаҷми зарар, аз он ҷумла маълумотҳои сирри тиҷориро ташкилдиҳандаро талаб намояд;

10.4.6. Ҳангоми зарурат ба мақомоти салоҳиятдор дар бораи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои мувофиқаткунанда ва маълумоти тасдиққунандаи далел ва сабаби рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дархост пешниҳод намояд.

10.5. **Суғуртакунанда ӯҳдадор аст**:

10.5.1. Суғурташавандаро бо шартҳои Қоидаҳо ва шартҳои Шартномаи суғурта шинос намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.5.2. Ҳангоми гирифтани пешниҳодоти Суғурташаванда оиди дигар кардани шартҳои Шартномаи суғурта ба мӯҳлати панҷрӯза онҳоро баррасӣ намуда, бо қарори қабулшуда Суғурташавандаро хабардор намояд;

10.5.3. Маълумотҳоро дар бораи Суғурташаванда ва вазъи молиявии вай, ба истисноі ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда ифшо нанамояд.

10.6. **Суғуртакунанда баъди аз Суғурташаванда ба таври хаттӣ гирифтани огоҳинома оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ (б.10.3.2. Қоидаҳо) ӯҳдадор аст**:

10.6.1. Бо иштироки Суғурташаванда азназаргузаронии объекти суғуртаро дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи ба таври хаттӣ гирфтани огоҳинома оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ мутобиқи б.10.3.2. Қоидаҳо амалӣ намояд ва санади суғуртавӣ тартиб диҳад;

10.6.2. Дар асоси ҳуҷҷатҳои аз ҷониби суғурташаванда пешниҳодгардида, агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда имкони онро диҳанд, нархгузории зарарро амалӣ намояд;

10.6.3. Дар ҳолати эътирофи ҳодисаи суғуртавӣ ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ, санади суғуртавӣ тартиб дода ҷуброни суғуртавиро дар ҳаҷм, аз рӯи тартиб ва мӯҳлати дар Қоидаҳо ва (ва ё) Шартномаи суғурта муқараргардида пардохт намояд. Рӯзи пардохти ҷуброни суғуртавӣ санаи аз ҳисоб баровардани воситаҳои пулӣ аз суратҳисоби Суғуртакунанда ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати азнавсуғуртакунии хавфҳои калон мӯҳлати пардохти ҷуброни суғуртавӣ метавонад тамдид карда шавад, ки он дар Шартномаи суғурта ишора карда мешавад.

## 11. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

11.1. Ҳаҷми зиён ё зарар мутобиқи шартҳои Шартномаи суғурта, дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда оиди ҷуброни зарар, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далел ва сабаби рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, хусусият ва ҳаҷми зарар, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳаҷми зарар, санади суғуртавӣ ва нархгузории зарар амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартномаи суғурта пешбинишуда Суғурташаванда ӯҳдадор аст фавран оиди он ба Суғуртакунанда, бо ирсол намудани ариза дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ бо замимаи тамоми ҳуҷҷатҳо, аз он ҷумла аз мақомоти салоҳиятдор, ки имкон медиҳанд далел, сабаби зарар ва ҳаҷми зарари расонидашударо муқарар намоянд, хабардор намояд. Огоҳиномаи мутобиқаткунанда оиди

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бояд ба Суғуртакунанда аз ҷониби Суғурташаванда (Фоидагиранда) дар муддати 72 соати баъди он ки оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ маълум шудааст, хабар диҳад. Шартномаи суғурта метавонад мӯҳлати дигарро барои пешниҳоди огоҳинома оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пешбинӣ карда бошад.

## 12. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

12.1. Ҷуброни суғуртавӣ пардохт карда мешавад:

**Қисмати А.** Ҳангоми амалинамоии хавфҳои зарари моддӣ:

– дар ҳаҷми аз зарари бевоситаи (ҳақиқӣ) ба объекти суғурташуда (минбаъд «Молумулк») расонидашуда зиёд набуда.

Зери мафҳуми зарар, арзиши молумулки нобудшуда (дуздидашуда) ва/ва ё гумшудаи арзиши молумулки зарардида фаҳмида мешавад.

Ҳаҷми зарар аз ҷониби Суғуртакунанда бо роҳи гузаронидани тамийз дар асоси арзиши молумулки зарардида дар лаҳзаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ муқарар карда мешавад, агар Шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

Ҳар яке аз тарафҳо ҳуқуқ дорад гузаронидани тамийзи мустақилро бо пардохт аз ҳисоби тарафе, ки гузаронидани онро талаб намудааст, талаб намояд.

Хароҷотҳо оиди пардохти гузаронидани тамийзи мустақил аз рӯи ҳодисаҳое, ки баъди гузаронидани он ғайрисуғуртавӣ эътироф шудаанд, Суғурташаванда бар ӯҳда дорад. Шахсоне, ки рақибони Суғурташаванда мебошанд ва ё бо онҳо алоқаҳои корӣ доранд, инчунин коргарони Суғурташаванда ва Суғуртакунанда тамийзгарони мустақил буда наметавонанд.

**Қисмати Б.** Ҳангоми амалинамоии хавфи масъулият ҳангоми гузаронидани корҳои сохтмонӣ-монтажӣ:

– дар ҳаҷми зарари дар ҳаққат расонидашуда ва ҳуҷҷатан тасдиқшудаи ба ҳаёт ва саломатти шахсони сеюм расонидашуда ва ё зарари ба молумулки шахсони сеюм расонидашуда.

**Қисмати В.** Ҳангоми амалинамоии хавфи хароҷотҳо ва талафоти дигар:

– дар ҳаҷми зарари дар ҳақиқат расонидашуда ва ҳуҷҷатан тасдиқшуда.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.2. Барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ, Суғурташаванда ҳангоми рух додани ҳодисае, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ дорад, ба мӯҳлати на зиёд аз 5 (панҷ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи рух додани он (агар Шартномаи суғурта давраи дигарро барои огоҳинома пешбинӣ накарда бошад) ба Суғуртакунанда ариза бо тавсифи сабабҳо ва ҳолатҳои рух додани ҳодиса, ҳаҷми эҳтимолии зарари расонидашударо пешниҳод менамояд.

Ба аризаи Суғурташаванда оиди рух додани ҳодисае, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ дорад, Шартномаи суғурта, инчунин ҳуҷҷатҳои барои муқарар кардани далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ зарура замима карда мешаванд. Суғуртакунанда метавонад аз Суғурташаванда ҳар кадом ҳуҷҷатҳоро талаб намояд, агар бо назардошти ҳолатҳои муайян дар Суғуртакунанда набудани ҳуҷҷатҳои пурсишшаванда барои он муқарар кардан далели ҳодисаи суғуртавӣ ва муайян кардани ҳаҷми зарарро ғайриимкон гардонад (ва ё хеле мураккаб гардонад).

12.3. Ҳаҷми зарар (зарар) аз ҷониби Суғуртакунанда дар асоси санади суғуртавӣ, ки дар муддати 15 (понздаҳ) рӯзи корӣ аз санаи аз Суғурташаванда гирифтани тамоми ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳолатҳои рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва асоснок ва тасдиққунандаи ҳаҷми талаботи суғуртавӣ муқарар карда мешавад. Дар санади суғуртавӣ ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавӣ, асосноккунии ҳисобҳои амалишудаи ҳаҷми зарари расонидашуда, ҳаҷми маблағи ҷуброни суғуртавӣ ишора карда мешаванд.

12.4. Санади суғуртавӣ бо иштироки Суғурташаванда ва ё намояндаи вай тартиб дода мешавад. Даст кашидани Суғурташаванда аз иштирок дар тартиб додани санади суғуртавӣ ба беэътибор будани санад оварда намерасонад.

12.5. Санади суғуртавӣ тартиб дода намешавад, агар ҳангоми тафтиши аризаи Суғурташаванда муқарар карда шавад, ки зарари арзшуда дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ ба миён наомадааст.

12.6. Ҳаҷми зарар аз рӯи қисмати А «Хавфҳои зарари моддӣ» чунин муайян карда мешавад:

12.6.1. Ҳангоми дуздии молумулки суғурташуда – дар ҳаҷми арзиши он дар лаҳзаи ҳодисаи суғуртавӣ.

12.6.2. Ҳангоми талафёбии (нобудшавии) молумулки суғурташуда – дар ҳаҷми арзиши он дар лаҳзаи ҳодисаи суғуртавӣ бо соқит намудани арзиши бақияи мавҷуда, ки барои истифодаи минбаъда коршоям аст;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.6.3. Ҳангоми нуқсондоршавии молумулки суғурташуда – дар ҳаҷми хароҷот барои барқарор кардани он то ҳолате, ки дар лаҳзаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ қарор дошт.

12.7. Ба хароҷотҳо барои барқарор кардани молумулки суғурташуда чунинҳо ворид карда мешаванд:

12.7.1. Хароҷотҳо барои масолеҳ ва қисмҳои эҳтиётӣ, ки барои барқарор кардани молумулк заруранд;

12.7.2. Хароҷотҳо барои пардохти корҳо оид барқарор кардани молу мулк.

12.8. Ба хароҷотҳои барои барқарор кардани молумулки ворид карда намешаванд:

12.8.1.Хароҷотҳое, ки бо тағийротҳо ва /ё беҳбудбахшии молумулки суғурташуда вобастаанд;

12.8.2. Хароҷотҳо оиди аз нав коркарди таҷҳизот, таъмири профилактикаи он ва хизматрасонӣ, инчунин хароҷотҳои дигаре, ки новобаста аз ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ карда шудаанд.

12.9. Ҷуброни суғуртавӣ аз ҷониби Суғуртакунанда дар ҳудуди маблағи мутобиқаткунандаи суғуртавӣ ва бо назардошти меъёрҳои ҷуброн, франшизаҳо ва шартҳои дигари пардохт, ки дар Шартномаи суғурта оварда шудаанд, пардохт карда мешавад.

12.10. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз санаи тартиб додани санади суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

12.11.Агар маблағи суғуртавӣ дар лаҳзаи ҳодисаи суғуртавӣ аз арзиши ҳақиқии объекти суғурташуда (б.6.5. Қоидаҳо) паст бошад, ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ баробарҳаҷм нисбати маблағи суғуртавӣ ба арзиши ҳақиқӣ ихтисор карда мешавад. Муқарароти мазкур ба ҳар як объект ва ҳар як модда ба таври ҷудогона паҳн мегардад.

12.12.Агар Суғурташаванда ба истифодаи молумулке, ки ба таъмир эҳтиёҷ дорад, баъди ҳодисаи суғуртавӣ давом диҳад, Суғуртакунанда зарарро то он дараҷае, ки аз сабаби чунин истифодабарӣ ба миён наомадааст, ҷуброн менамояд.

12.13. Агар дар Шартнома ҳолати дигар муқарар нагардида бошад, баъди пардохти ҷуброни суғуртавӣ маблағ аз рӯи Шартнома ба ҳаҷми ҷуброни суғуртавии ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) пардохтгардида кам мегардад. Ҳангоми барқароркунӣ ва ё иваз кардани молумулки зарардида ҳаҷми маблағи суғуртавӣ метавонад то ҳаҷми аввала баланд

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

карда шавад ба шарти ворид намудани иловаҳои мувофиқаткунанда ба Шартномаи суғурта ва пардохти мукофотпулии суғуртавии иловагӣ, агар Шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

12.14.Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст кашад, агар Суғурташаванда (Фоидагиранда):

12.14.1. Барқасдона амалҳо (беамалӣ) содир кардааст ва ё амалҳое, ки боиси ба миён омадани зарар гардидаанд, роҳ дода бошад;

12.14.2. Ба Суғуртакунанда ва ё намояндаҳои вай дар мавриди азназаргузаронии молумулки суғурташуда баъди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, ошкор кардани ҳолатҳои бавуҷудоии ҳодисаи суғуртавӣ, муайян кардани хусусият ва ҳаҷми зарар монеагӣ намуда бошад;

12.14.3. Талаботи б.10.2. ва 10.3. Қоидаҳоро иҷро накарда ва ё вайрон карда бошад;

12.14.4. Ҷуброни зарарро аз шахсе, ки ба расонидани он гунаҳкор аст гирифта бошад. Агар Суғурташаванда ҷубронро барои зиён аз шахсони сеюм, ки барои расонидани он гунаҳкоранд гирифта бошад, Суғуртакунанда ба Суғурташаванда танҳо фарқи байни маблағе, ки ҷоиз ба пардохт аз рӯи шартҳои Шартномаи суғурта мебошад ва маблағи аз шахсони сеюм гирифтаи Суғурташавандаро пардохт менамояд. Суғурташаванда уҳдадор аст фавран Суғуртакунандаро оиди гирифтани чунин маблағҳо хабардор намояд;

12.14.5. Дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда ва Шартномаи суғурта.

12.15. Қарор дар бораи даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ ба Суғурташаванда ба таври хаттӣ бо асосноккунии сабаби дасткашӣ хабар дода мешавад.

Даст кашидани Суғуртакунанда оиди амалӣ намудани пардохти суғуртавӣ метавонад аз ҷониби Суғурташаванда ба суд шикоят оварда шавад.

12.16. Ҳангоми ба Суғурташаванда баргардонидани молумулки суғурташуда вай уҳдадор аст ба Суғуртакунанда дар муддати 10 (даҳ) руз ҷуброни суғуртавиро бо соқит намудани хароҷотҳо оиди пардохти корҳои зарура ва амалигардидаи барқароркунӣ (таъмирӣ), ки бо сабаби дуздии молумулк ба миён баргардонад.

12.17.Агар Суғурташаванда Шартномаҳои суғуртаро нисбати объекти мазкур бо якчанд Суғуртакунандагон ба маблағи умумии аз арзиши суғуртавии он зиёд баста бошад, ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

вай ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми баробарҳаҷм нисбати маблағи суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи аз ҷониби вай баста шуда ба маблағи умумии аз рӯи тамоми Шартномаҳои суғуртаи дигари объекти ишорашуда пардохта мешавад.

12.18. Суғурташаванда ӯҳдадор аст ба Суғуртакунанда ҷуброни суғуртавиро (ва ё қисмати мутобиқаткунанда он) баргардонад, агар дар муддати пешбининамудаи қонунгузорӣ ба мӯҳлати мурури даъво ҳолатҳое ошкор шаванд, ки пурра ва ё қисман Суғурташавандаро аз ҳуқуқ ба ҷуброни суғуртавӣ маҳрум менамоянд.

12.19. Ҳангоми суғурта бо асьорӣ баробарҳаҷм, пардохтҳои суғуртавӣ ба пули тоҷикии сомонӣ аз рӯи қурби асьори Бонки милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои асьори мутобиқаткунанда дар санаи пардохт (маблағгузаронӣ) муқарар менамояд, амалӣ карда мешавад.

12.20. Илова бар он бо ҳадафи амалинамоии назорат аз болои хавфи асьорӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад маҳдудкуниро ба бузургии тағийроти қурби асьор, ки Суғуртакунанда ба сифати имкондор барои истифодаи суғурта бо асьорӣ баробарҳаҷм истифода мебарад, мавриди истифода қарор диҳад, ҳамзамон чунин маҳдудкуниро бо тариқи мутобиқаткунанда дар Шартномаи суғурта инъикос намояд.

12.21. Истифодаи чунин маҳдудкунӣ чунин маънӣ хоҳад дошт, ки ҳангоми ҳисобуктоб маблағҳои пардохти суғуртавӣ шарти пардохт аз рӯи қурби асьори Бонки милии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолате истифода мешавад, ки агар қурби дар Шартномаи суғурта муқараргардидаи асьор аз қурби ҳадди аксари барои пардохтҳо пешбинишуда баланд набошад. Зери қурби ҳадди аксар барои пардохтҳо қурби асьори мутобиқаткунанда, ки Бонки милли Тоҷикистон дар санаи маблағгузаронии мукофотпулии суғуртавӣ муқарар кардааст ва ба 1% (як фоиз) барои ҳар як моҳ (аз он ҷумла нопурра) муайян шудааст, ва аз лаҳзаи маблағгузаронии мукофотпулӣ гузаштааст, агар Шартномаи суғурта маҳдудкунии дигарро пешбинӣ накарда бошад.

12.22. Агар қурби асьори хориҷӣ, ки Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар кардааст, аз қурби ҳадди аксар зиёд бошад, ҳаҷми пардохти суғуртавӣ дар асоси қурби ҳадди аксар муайян карда мешавад.

12.23. Дар ҳолатҳои иҷозатдодаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба асьори хориҷӣ амалӣ карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

# 13. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Зарарҳое, ки ба миён омадаанд ва бо қонеъ кардани Талабҳои арзшуда (ба вуқуъомада) дар натимҷаи чунин ҳолатҳо ба вуқуъ пайвастаанд, ҷуброншаванда:

13.1.1. Аз ҷониби шахси Суғурташуда барқасдона вайрон кардани уҳдадории касбӣ, муқарароти дастурамалҳои хизматӣ ва ё ҳуҷҷати дигареро муқарар мекунанд, инчунин барқасдона аз ҷониби вай вайрон кардани қонунҳо ва ё санадҳои танзимкунандаи соҳа;

13.1.2. Ҳар кадом ҳаракатҳои барқасдонаи шахси Суғурташуда ва Фоидагиранда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ;

13.1.3. Иншоотҳои сохташуда ва корҳои монтажӣ бо маҳсулотҳои сифаташ паст, ки аз ҷониби шахси Суғурташуда амалӣ карда шудааст;

13.1.4. Аз рӯи ҳар кадом даъвоҳои корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ қарорҳои судӣ, ки то лаҳзаи бастани Шартномаи суғурта арз карда шудаанд;

13.1.5. Аз рӯи ҳар кадом даъвоҳои молумулкӣ /қарорҳои судӣ, ки дар даврае, ки Шартномаи суғурта муқарар кардааст, ки дар муддати он Суғуртакунанда оиди пардохти таъминоти суғуртавӣ масъулият надорад ва дарбаргирии суғуртавӣ амал намекунад (франшизаи муваққатӣ) Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст кашад, агар Суғурташаванда (Фоидагиранда):

13.1.6. Амалҳои барқасдонаи (беамалӣ) Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда, ки боиси ба миён омадани зарар гардидаанд, роҳ дода бошад;

13.1.7. Ба Суғуртакунанда ва ё намояндаҳои вай дар мавриди азназаргузронии молумулки суғурташуда баъди рух додан ҳодисаи суғуртавӣ, ошкор кардани ҳолатҳои бавуҷудоии ҳодисаи суғуртавӣ, муайян кардани хусусият ва ҳаҷми зарар монеагӣ намуда бошад;

13.1.8. Талаботи б.10.2. ва 10.3. Қоидаҳоро иҷро накарда ва ё вайрон карда бошад;

13.1.9. Ҷуброни зарарро аз шахсе, ки ба расонидани он гунаҳкор аст гирифта бошад. Агар Суғурташаванда ҷубронро барои зиён аз шахсони сеюм, ки барои расонидани он гунаҳкоранд гирифта бошад, Суғуртакунанда ба Суғурташаванда танҳо фарқи байни маблағе, ки ҷоиз ба пардохт аз рӯи шартҳои Шартномаи суғурта мебошад ва маблағи аз шахсони сеюм гирифтаи Суғурташавандаро пардохт менамояд.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташаванда ӯҳдадор аст фавран Суғуртакунандаро оиди гирифтани чунин маблағҳо хабардор намояд;

13.1.10. Дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда ва Шартномаи суғурта.

13.2. Ба хароҷотҳо барои барқарор кардани молумулк ворид карда намешаванд:

13.2.1. Хароҷотҳое, ки бо тағийротҳо ва (ва ё) беҳбудбахшии молумулки суғурташуда вобастаанд;

13.2.2. Хароҷотҳое, ки бо сабаби таъмири муваққатӣ (ёридиҳанда) ва ё барқароркунӣ вобастаанд;

13.2.3. Хароҷотҳо оиди аз нав коркарди таҷҳизот, таъмири профилактики он ва хизматрасонӣ, инчунин хароҷотҳои дигаре, ки новобаста аз ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ карда шудаанд.

## 14. ФРАНШИЗА

14.1. Дар Шартномаи суғуртавӣ франшиза (шартӣ ва ғайришартӣ) пешбинӣ шуда метавонад.

14.2. Ҳангоми франшизаи шартӣ Суғуртакунанда аз ҷавобгарӣ барои зарар, агар он аз ҳаҷми франшиза зиёд набошад, озод карда мешавад.

14.3. Ҳангоми франшизаи ғайришартӣ ҷавобгарии Суғуртакунанда бо ҳаҷми зарар ками франшиза муайян карда мешавад. Франшиза бо ризоияти тарафҳо ҳангоми ба имзо расонидани Шартномаи суғуртавӣ бо дарсад нисбат ба маблағи суғуртавӣ ё бузургии мутлақи он муайян карда мешавад.

14.4. Ҳамагуна меъёри ҷавобгарӣ аз рӯйи Шартнома суғуртавӣ, зиёда аз маблағи франшиза, ки ба маблағи меъёри ҷавобгарии Суғуртакунанда дохил намешавад, муқарар карда мешавад.

14.5. Франшиза ба ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ таъин карда мешавад. Агар якчанд ҳодисаи суғуртавӣ фаро расад, маблағи франшиза аз рӯйи ҳар кадоми он нигоҳ дошта мешавад.

14.6. Истифодабарии франшиза метавонад омили таъсиррасон ба поёнравии тарифи суғуртавӣ аз ҳисоби истифода бурдани коэффитсиентҳои ислоҳкунӣ, ғайр аз ҳолатҳое, ки истифодабарии франшиза шарти ҳатмии қабули хавф барои суғуртакунӣ мебошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 15. БА СУҒУРТАКУНАНДА ГУЗАШТАНИ ҲУҚУҚИ СУҒУРТАШАВАНДА БАРОИ ҶУБРОНИ ЗАРАР НИСБАТИ ШАХСИ СЕЮМ (РЕГРЕС)

15.1. Тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Суғуртакунандае, ки ҷуброни суғуртавиро пардохт намудааст, дар ҳудуди маблағи пардохтшуда, ҳуқуқи талабе, ки Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда ба шахсе, ки барои зарар ҷавобгар аст ва дар натиҷаи суғуртанамоӣ ҷуброн гардидааст мегузарад.

15.2. Тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ба Суғуртакунанда гузаштаи талаб, аз ҷониби вай бо риояи қоидаҳое, ки муносибати байни Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда ва шахси барои расидани зарар ҷавобгарро ба танзим медарорад, амалӣ карда мешавад.

15.3. Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда уҳдадоранд ба Суғуртакунанда тамоми ҳуҷҷатҳо ва далелҳо тамоми хабарҳои барои амаликунонии ҳуқуқи ба Суғуртакунанда гузашта заруриаро интиқол диҳанд.

15.4. Тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда аз ҳуқуқи худ оиди талаб ба шахси барои расонидани зарари аз ҷониби Суғуртакунанда ҷубронгардида ҷавобгар даст кашида бошанд ва ё амалӣ кардани ин ҳуқуқ бо гуноҳи Суғурташаванда ва ё пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба пуррагӣ ва ё мутобиқи қисми мувофиқаткунанда озод карда мешавад ва ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи барзиёд пардохтшуда ҷубронро талаб намояд.

## 16.СУҒУРТАИ МУШТАРАК ВА НОПУРРА

16.1. Суғурташуда ва Фоидагиранда уҳдададоранд Суғуртакунандаро ба таври хаттӣ оиди ҳамаи Шартномаҳои суғуртавӣ, ки нисбати молумлки суғурташуда бо дигар ширкатҳо баста шудаанд, хабардор намояд. Илова бар он Суғурташаванда уҳдадор аст номгуи ширкатҳои суғуртавии дигаре,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ки дар онҳо молумулк дар онҳо суғурта гардидааст, таваккалҳои суғуртавӣ ва ҳаҷми маблағҳои суғуртавӣ ифода намояд.

16.2. Агар дар вақти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ нисбати молумулки суғурташуда инчунин дигар Шартномаҳои суғутавӣ бо таваккалҳои ҳаммонанд бо маблағи аз азиши умумии он барзиёд амал мекарданд, Суғуртакунанда зарарро дар ҳаҷми ҳамарзиши мутаносиби маблағи суғуртавӣ аз рӯи шартномаи аз ҷониби Суғуртакунанда басташуда ва маблағи умумӣ аз рӯи тамоми Шартномаҳои аз ҷониби Суғурташаванда басташудаи суғуртавии молумулки мазкур пардохт менамоянд.

16.3. Агар бастани якчанд Шартномаҳои суғуртавӣ нисбати молумулки Суғуртакунанда суғуртанамуда аз рӯи таваккалҳои ҳаммонанд ба маблағи аз арзиши суғуртавии он баланд (бо шартнома бо Суғуртакунанда), натиҷаи барқасдонаи Суғурташаванда бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад эътирофи донистани Шартнома ва ҷуброн намудани зарари бо ин ба Суғуртакунанда расонидашударо талаб намояд.

16.4. Лимити агрегатии уҳдадории Суғуртакунанда, ки нисбатиҳамаи намудҳои молумулк ва манфиатҳои молумулкӣ, мавриди истифода қарор мегирад, ҳар кадом лимитҳои ҷудогонаи ҷавобгарӣ, ки дар ҳар кадом иловаҳо Шартномаи суғурта ифода ёфтаанд, нигоҳдоштҳои худии Суғурташаванда ва миқдори ҳаққи суғуртавӣ, ба ҳиссаи садфоизаи уҳдадории Суғуртакунанда нисбати Шартномаи суғуртаи басташуда мансуб аст.

## 17. ГУЗАРИШИ ҲУҚУҚ БА ШАХСИ ДИГАР НИСБАТИ ОБЪЕКТИ СУҒУРТАШУДА

17.1. Ҳангоми гузариши ҳуқуқ нисбати молумулки суғурташуда аз шахсе, ки ба манфиати вай Шартномаи суғурта баста шудааст, ба дигар шахс ҳуқуқу уҳдадориҳои аз руи Шартномаи ба шахсе, ҳуқуқ ба молумулки мазкур гузаштааст, ба истиснои ҳолатҳои маҷбуран гирифтани

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

он аз рӯи асосҳои дар Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда ва даст кашидан аз ҳуқуқи моликият мегузаранд.

17.2. Шахсе, ки ба ӯ ҳуқуқ нисбати молумулки суғурташуда гузаштааст, уҳдадор аст, ки фавран ба таври хаттӣ оиди он Суғуртакунандаро хабардор намояд. Дар ҳолати гузаштани ҳуқуқ нисбати солумулки суғурташуда ба шахси дигар, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад Шартномаи суғуртаро бо асос, ки гузариши ҳуқуқ ба шахси дигар бо ба таври арзишнок баланд гаштани дараҷаи таваккалро ба миён овардааст, бекор намояд, агар Шартномаи суғурта дигар ҳолатро пешбинӣ накарда бошад, Суғуртакунанда ҳангоми пеш аз муҳлат бекор кардани Шартномаи суғурта дар ҳамин асос подошро барои давраи ногузаштаи суғурта бо соқит намудани хароҷотҳои сарфашуда бармегардонад.

## 18.ШАРТҲОИ ДИГАР

18.1. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта дар асоси шартҳое, ки дар Қоидаҳои суғурта оварда шудаанд, ин артҳо ҷузъи ҷудонопазири Шартномаи суғурта ва барои Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳатмӣ мегардонад. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд ҳар кадом дигар иловаҳо, истисно, аниқнамоӣ бо Шартномаи суғурта, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, мувофиқа намоянд, аз матни Шартномаи суғурта муқарароти ҷудогонаи Қоидаҳо суғуртаро истисно намоянд, ки онҳо ба Шартномаи суғуртаи муайян мансуб нестанд ва ҳамзамон онро дар матни Шартномаи суғурта устувор намоянд.

18.2. Шартҳое, ки дар Қоидаҳои суғурта оварда шудаанд ва ба матни Шартномаи суғурта ворид карда нашудаанд, барои Суғурташаванда (Фоидагиранда) ҳатмӣ мебошанд, агар дар шартномаи суғурта бевосита ба истифодаи чунин Қоидаҳо ишора карда шуда бошад ва худи Қоидаҳо дар як ҳуҷҷат бо шартномаи суғурта ифода ёфтаанд ва ё дар тарафи дигари он ифода ёфтаанд ва ё ба он замима карда шудаанд. Дар ҳолати охирин ба Суғурташаванда супорида шудан Қоидаҳои суғурта ҳангоми бастани Шартномаи суғурта бо сабт дар шартномаи суғурта тасдиқ карда мешавад.

17.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар асоси Қоидаҳои суғурта Шарҳои полиси суғурта ва ё Нигаҳдорӣ аз Қоидаи суғурта, барномаи суғуртавӣ, нисбати навъи (намуди) муайяни Шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоидаҳои суғурта баста мешавад ва ба Суғурташавандаи муайян ва ё

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

гурӯҳи Суғурташавандагон равона карда шудааст ва шартҳои суғуртаро инъикос менамояд, ташаккул диҳад, маҳз: субъектҳо ва объектҳои суғурта, номгуи ҳодисаҳои суғуртавӣ, муҳлат ва тартиби пардохти мукофотпуллии суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ),ба муҳлати амали Шартномаи суғурта, тартиби муайян кардани ҳаҷми пардохти суғуртавӣ, дигар муқаррарот то ба он ҳадде, ки он ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои суғурта мухолифат нанамояд. Чунин шартҳои полисӣ ва ё Нигоҳдориҳо аз Қоидаҳои суғурта ба Шартномаи суғурта замима гардида, ҷузъи ҷудонопазири он мебошанд. Дар ҳолати истифодаи Шартҳои полиси суғурт ва ё Нигаҳдориҳо аз Қоидаҳои суғурта шартномаи суғурта аз Полиси суғуртавӣ ва Шартҳои полиси суғурта ва ё Нигаҳдориҳо аз Қоидаҳои суғурта иборат аст, ки ба он бояд дар полиси Суғурта истисноди мутобиқаткунанда карда шавад, ки он ҷузи ҷудонопазири Шартномаи суғурта мебошад.

17.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба гуруҳҳои алоҳидаи шартномаҳои якхелаи Шартномаи суғурта, ки дар асоси шартҳои Қоидаҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад ва аз рӯи он тартибе, ки ин аз ҷониби меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, номҳои маркетингӣ диҳад.

17.5. Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад маълумотҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти касбии худ дар бораи Суғурташаванда, Фоидагиранда, инчунин дар бораи вазъи молумулкии ин шахс гирифтааст, ифшо намод. Барои хусусияти вайронкунӣ аз рӯи тартиби пешбининмудаи меъёрҳои қонунузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар аст.

## 18.ТАРИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

18.1. Даъвои аз рӯи талаботи аз Шартномаи суғурта бароянда, метавонад дар муддати мурури даъво, ки қонунгузории амалкунанда муқарар намудааст пешниҳод карда шавад.

18.2. Агар баъди ба итмомрасии тафтишоти худи Суғуртакунанда аз пардохти зараре, ки ба ақидаи Суғурташаванда, зери шартҳои Шартномаи суғурта меафтанд даст кашад, онгоҳ бо талаби Суғурташаванда баҳс дар мақомоти салоҳиятдори судӣ баррасӣ карда мешавад.

18.3. Суғуртакунанда ва Суғурташаванда дар Шартномаи суғуртаи муайян ва ё гурӯҳи Шартномаҳои суғурта метавонанд шартҳои махсуси зери салоҳияти судӣ қарор доштани баҳсҳое, ки аз Шартномаи суғурта бармеояд, то он ҳадде ки ин ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин ба ҳуқуқи байналхалқии воқеӣ мухолифат намекунанд, пешбинӣ намуда бошанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Замимаи №2**
**ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии**
**корҳои сохтмонию васлкунӣ**

**НАМУНА**

Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғуртавӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.

# ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

**Суғуртаи ихтиёрии корҳои сохтмонию васлкунӣ**

**Силсила:__________ Рақам:__________**

**хиёбони Рудакӣ 127 МС «Рудаки Плаза», ут. 501-502**

E-mail: info@spitameninsurance.tj тел. (44) 610 79 97/ (44) 601 79 97

| | | |
|---|---|---|
| Суғуртакунанда: | **ҶСДММ “Спитамен Суғурта”** | |
| Суғурташаванда: | | |
| Суроғаи Суғурташаванда: | | |
| Суғурташуда: | | |
| Объекти суғурта: | | |
| Фоидагиранда: | | |
| Андозаи маблағи суғурта: | Бо рақам<br>______ **сомонӣ** | Дастнавис<br>(______________<br>__________) **сомонӣ** |
| Тарифи суғурта:<br>Страховой тариф: | % | ______________ |
| Андозаи ҳаққи суғурта: | Бо рақам /цифрами<br>______ **сомонӣ** | Дастнавис/Прописью<br>(______________<br>__________) **сомонӣ** |
| Тартиб ва мӯҳлати пардохти суғурта: | **Накди/Ғайри накдӣ** | |
| Тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо дар полис: | Бо дархости хаттии Суғурташаванда (Суғурташуда). | |
| Тартиб ва мӯҳлати пардохти суғурта: | **Мӯҳлати _____ рӯзи корӣ** | |
| Ҳудуди амали полиси суғуртавӣ: | | |
| Франшизаи (шарти/**ғайришарти**) : | **Барои ҳамаи хавфҳо – _____%** | |
| Рӯзи додани полиси суғуртавӣ: | « __ » ______________ сол | |
| Мӯҳлати амали полиси суғурта: | аз « ____ » ______________ сол то « ____ » ______________ сол | |

**СУҒУРТАКУНАНДА:**
**ҶСДММ «Спитамен Суғурта»**

**Директор**

**ҷ.м.** ______________ **имзо**

**СУҒУРТАШАВАНДА:**
Бо қоидаҳои суғуртакунӣ шинос шудам.

______________ **имзо**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замима

ба Қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии

корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ

**НАМУНА**

Эъзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур намунавӣ мебошад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба шакл ва матни намунаи полиси суғуртавӣ тағйирот ва тловаҳо ба он ба андозае, ки он ба Қоидаҳои суғурта ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад , ворид намяд.

## ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

суғуртаи ихтиёрии корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ

Силсила: ____________ Рақам:____________

Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта» (минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад) дар шахсияти ____________ *(вазифа, пурра, ному насаби намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда),* ки дар асоси ____________________ *(оинномa, рақам ва санаи ваколатнома),* аз як тараф ва ____________ (минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад) дар шахсияти ,
дар асоси ____________________ *(оинномa, рақам ва санаи ваколатнома) амалкунанда,* аз тарафи дигар, ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд, дар асоси шартҳои дар «Қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ» овардашуда аз «____» ____________ с. (минбаъд «Қоидаҳо» ва ё «Қоидаи суғурта» номида мешаванд), Шартномаи мазкурро оиди зайл ба имзо расониданд.

### 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Аз рӯи Шартномаи мазкур Суғуртакунанда зарарҳое (дар шакли зарари ҳақиқӣ «бо ӯҳдадорӣ барои тамоми таваккалҳо», ки дар натиҷаи талафот ва ё нуқсондоршавии объекти суғурташуда аз ҳар кадом таъсири ғайричашмдошт ва ногаҳонии моддӣ дар раванди амалигардии корҳои сохтмонӣ васлкунӣ, ҷуброн менамояд. Чунин таъсирҳо моддӣ, ғайричашмдошт ва ногаҳонӣ номида мешаванд, ки Суғурташаванда ва ё намояндаҳои вай ё саривақтӣ пешбинӣ карда натавонистаанд ва ё наметавонистанд онҳоро дар асоси донишҳои тахассусӣ, ки дар таҷрибаи соҳаи сохтмонӣ муқарарӣ мебошанд, пешбинӣ намоянд.

1.2. Суғурта асосан аз чунин таваккалҳо амалӣ мегардад:

### 2. ШАРТҲОИ ШАРТНОМА

2.1. Маблағи умумии суғуртавӣ аз рӯи Шартнома дар ҳаҷми____________ муқарар карда мешавад

2.2. Лимитҳои дигари ҷубронкунӣ: ____________

2.3. Франшиза: ____________

2.4. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ): ____________

Шакли пардохти ҳаққи суғуртавӣ: якваќта / ____________;

бо маблағгузаронии ғайринақдӣ / бо пули нақд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Ҳаққи суғуртавии якум (яквақта) на дертар аз «____» ______________ с. пардохт карда шавад.
дар ҳаҷми: ______________ сом.
Ҳаққи суғуртавии дуввум ҳангоми пардохти мӯҳлатдори мукофоти суғуртавӣ на дертар аз «____» ______________ с. дар ҳаҷми: ______________ сом. ворид карда шавад.

2.5. Мӯҳлати амали Шартномаи суғурта: аз «____» ______________ с. то «____» ______________ с. (аммо ба ҳар ҳолат, Шартнома на пештар аз пардохти ҳаққи аввалини суғуртавӣ ва ибтидои корҳои сохтмонӣ дар майдонча шурӯъ гардида на дертар аз ба истифода додани объект ва ё амалӣ намудани санҷиши озмоишии объект қатъ мегардад).

2.6. Пардохти ҳаққи суғуртавӣ дар муддати 10 рӯзи корӣ аз рӯзи аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонидани санад оиди ҳодисаи суғуртавӣ, ки дар муддати як моҳи баъди аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳод гардидани тамоми ҳуҷҷатҳо барои ба танзим даровардани зарарҳо тартиб дода мешавад, амалӣ мегардад.

2.7. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ даст кашад, агар дар муддати амали Шартнома чунин ҳолатҳо ҷой дошта бошанд:

- амали барқасдонаи Суғурташаванда (кормандони вай), ки ба рух додани ҳодисаи суғуртавӣ равона карда шудааст, аз он ҷумла забон як кардан бо шахси севвуми ҷабрдида;
- аз ҷониби Суғурташаванда ва ё шахсе, ки ба манфиати вай шартномаи суғурта баста шудааст, содир гаштани ҷинояти барқасдона, ки бо ҳодисаи суғуртавӣ дар алоқаи бевосита мебошад;
- аз ҷониби Суғурташаванда ба Суғуртакунанда расонидани маълумоти пешакӣ бардурӯғ оиди кормандони тиббӣ ва ҳодисаҳои суғуртавӣ;
- аз ҷониби Суғурташаванда гирифта шудани ҷуброни мувофиқаткунанда ҳангоми расонидани зарар ба саломатии ашхоси севвум аз ҷониби шахси барои расонидани ин зарар гунаҳкор.

## 3. ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

3.1. Шартномаи суғурта дар чунин ҳолатҳо қатъ карда мешавад:

- гузаштани мӯҳлати амал;
- аз ҷониби Суғуртакунанда ба пуррагӣ иҷро гардидани ӯҳдадориҳо аз рӯи шартнома;
- аз ҷониби Суғурташаванда пардохт нагардидани аъзоҳаққиҳои суғуртавӣ дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи шартнома;
- барҳамдиҳии Суғурташаванда, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад ва ё марги Суғурташаванда, ки шахси воқеъӣ мебошад, ба ҷуз ҳолатҳои ивази Суғурташаванда дар шартномаи суғурта;
- барҳамдиҳии Суғуртакунанда аз рӯи тартиби муқарарнамудаи қонунгузории ҶТ;
- қатъ гардидани амали шартномаи суғурта бо қарори суд;
- дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории амалкунандаи ҶТ пешбинӣ намудааст.

3.2. Шартномаи суғурта метавонад пеш аз мӯҳлат бо талаби Суғурташаванда ва ё

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғуртакунанда, ва ё бо созиши дучонибаи тарафҳо қатъ гардад. Дар бораи азми пеш аз мӯҳлат қатъ кардани шартномаи суғурта тарафҳо ӯҳдадоранд, ҳамдигарро на дертар аз 30 рӯз аз санаи пешбинишавандаи қатъ намудани шартномаи суғурта, хабардор намоянд.

3.2.1. Ҳангоми пеш аз мӯҳлат қатъ кардани суғурта бо талаби Суғурташаванда подоши суғурта баргардонида намешавад, агар ки талаби Суғурташаванда бо вайронкунии Қоидаҳои суғурта аз ҷониби Суғуртакунанда, шартгузорӣ шуда бошад, онгоҳ Суғуртакунанда бояд, ки ба Суғурташаванда пардохтҳои вориднамудаи ӯро ба пуррагӣ баргардонад.

3.2.2. Ҳангоми пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани суғурта бо талаби Суғуртакунанда, вай ӯҳдадор аст, ки ба Суғурташаванда аъзоҳаққии суғуртавии гирифтаашро ба пуррагӣ баргардонад, агар қатъ кардани суғурта бо аз ҷониби Суғурташаванда иҷро нагардидани Қоидаҳои суғурта алоқаманд набошад, дар акси ҳол вай бояд ки қисми аъзоҳаққиҳоро барои мӯҳлати ба итмомнарасидаи шартнома бо соқит намудани хароҷоти сарфанамуда баргардонад.

## 4. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

4.1. Суғуртакунанда ӯҳдадор аст:

- полиси суғуртавиро бо замима намудани Қоидаҳои мазкур дар мӯҳлати муқараргардида пешниҳод намояд;
- ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ, пардохти суғуртавиро дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи шартномаи суғурта пардозад;
- маълумотро оиди Суғурташаванда ва ҳолати молумулкии вай ифшо нагардонад, агар ин бо санадҳои қонунгузории ҶТ мухолифат накунад.

4.2. Суғурташаванда ӯҳдадор аст:

- Аъзоҳаққиҳои суғуртавиро саривақтӣ пардозад;
- ҳангоми ба имзо расонидани шартномаи ба Суғуртакунанда оиди тамоми шартномаҳои суғуртаи басташуда ва ё басташаванда нисбати объекти суғуртаи мазкур хабар диҳад;
- чораҳои зарураро оиди пешгирӣ ва кам кардани зарар андешад;
- ба Суғуртакунанда оиди ибтидои амалҳои мақомоти босалоҳият аз рӯи далели расонидани зарар (тафтишот, даъват ба суд ва ғ.) хабар диҳад;
- ҳуҷҷатҳо ва маводҳои мавҷудаи барои қабули қарор зарураро оиди пардохти суғуртавӣ аз рӯи шартнома пешниҳод намояд;
- дар давоми амали шартномаи Қоидаҳои муқараргардида оиди техникаи бехатарӣ ва меъёрҳои бехатарии зидди сӯхтор, ҳимояи объект ва талаботи санитарӣ-эпидемиологииро риоя намояд;
- ба Суғуртакунанда фавран оиди ҳар кадом тағийрот дар хусусияти таваккал хабар диҳад, агар ин тавонад ба баландшавии дараҷаи таваккали суғуртавӣ таъсир расонад;

4.3. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

- Ба ширифтани ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми зарари бевосита (ҳақиқӣ) дар ҳудуди маблағи суғуртавӣ бо назардошти шартҳои муайяне, ки дар шартномаи суғурта оварда шудаанд;
- Ба тағийр додани шартҳои шартномаиа суғурта бо тартиби

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

муқарарнамудаи Қоидаҳо

- Ба бекор кардани шартномаи суғурта мутобиқи Қоидаҳо;

4.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

- Ҳолати объекти суғурташударо, мутобиқи маълумотҳои ба вай аз ҷониби Суғурташаванда хабардодашуда оиди объекти суғурта дар муқоиса бо ҳолатҳои ҳақиқӣ инчунин аз ҷониби Суғурташаванда риоя намудани меъёрҳои сохтмонӣ, Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва шартҳои шартномаи суғуртаро тафтиш намояд;
- Дар наҷотдиҳӣ ва ҳифзи молумулки суғурташуда иштирок намояд, оиди кам кардани зарар, ки барои Суғурташаванда ҳатмӣ мебошанд, тавсияҳои хаттӣ диҳад. Аммо ин амалҳо наметавонанд ҳамчун аз ҷониби Суғуртакунанда эътироф гардидани ӯҳдадории оиди пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ баррасӣ гарданд;
- Сабабҳо ва ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро мустақилона ошкор намояд;
- Ба азназаргузаронии молумулки зарардида, бидуни интизории даъвати Суғурташаванда оиди зарар шурӯъ намояд. Суғурташаванда ҳуқуқ надорад дар ин амал ба Суғуртакунанда мамониат намояд;
- Аз Суғурташаванда маълумоти барои муқарар кардани далели ҳодисаи суғуртавӣ заруриро оиди муайян намудани ҳаҷми зарар, аз он ҷумла маълумотҳои таркиби сирри тиҷоратӣ доштаро талаб намояд;
- Ҳангоми зарурат ба мақомоти босалоҳият оиди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мувофиқаткунанда ва маълумоти тасдиққунандаи далел ва сабаби рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дархост ирсол намояд.

4.5. Тарафҳо ӯҳдадоранд шартҳои шартномаи мазкур ва маълумотҳои дигарро оиди ҳолати молумулкии тарафҳо, ифшо накунанд.

## 5. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

5.1.Тамоми мубоҳисаҳое, ки аз шартномаи мазкур бармеоянд, бо роҳи гуфтушуниди Тарафҳо ҳал карда мешаванд, дар ҳолати ба даст наомадани созиш – аз рӯи тартиби муқарарнамудаи қонун ҳал карда мешаванд.

5.2.Ҳуқуқи пешниҳоди даъво ба Суғуртакунанда дар муддати мӯҳлати мурури даъво мутобиқи қонунгузории шаҳрвандии ҶТ нигоҳ дошта мешавад.

## 6. ҚАЙДУ ШАРТҲОИ МАХСУС

6.1.Қайду шартҳои асъорӣ

6.2.Қоидаҳо суғуртаи ихтиёрии корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ ба Суғурташаванда супорида шудаанд.

**СУҒУРТАШАВАНДА**

________________________

**СУҒУРТАКУНАНДА**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT